آوازتاجیک
Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

8 июли соли 2023
Шанбе
№ 54 (14961)
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ЎЗБЕКИСТОН ДАР МАРКАЗИ УМУМИҶАҲОНИИ САВДОИ МУМБАЙ МУАРРИФӢ ГАРДИД

***Дар Маркази умумиҷаҳонии савдои шаҳри Мумбай бахшида ба Ўзбекистон чорабинӣ баргузор шуд, ки дар он роҳбарони ширкатҳои ҳинд дар соҳаҳои логистика, сайёҳӣ, савдо, дорусозӣ, таълим, саноати кино, ҳамчунин намояндагони сарконсулгарии кишварҳои хориҷӣ ширкат ҷустанд.***

Дар бобати ислоҳоти васеъмиқёсе, ки солҳои охир дар Ўзбекистон татбиқ мегарданд, шароитҳои мусоид ва имкониятҳои сармоявие, ки барои татбиқ намудани ҳамкориҳои тарафайни тиҷоративу иқтисодии муттасил бо мамлакати мо фароҳам оварда шудаанд, иттилооти муфассал дода шуд. Ба соҳибкорони ҳиндустонӣ пешниҳод гардид, ки ҳамкории муфиди тарафайнро бо Ўзбекистон фаъолона инкишоф диҳанд ва лоиҳаҳои муштаракро татбиқ намоянд.

Иштирокдорони мулоқот ба ҷараёни тағйирот ва дигаргуниҳое, ки дар соҳаҳои мухталифи Ўзбекистон амалӣ мешаванд, рағбати зиёд зоҳир намуданд. **Роҳбари ширкати логистикии «Crystal Shipping Co.Pvt. Ltd.» Рамеш Гулатӣ** масъалаҳои рушди гузаргоҳҳои нақлиётӣ ва мустаҳкам кардани робитаҳои тарафайнро, ки дар ҳамкориҳои байни Ҳиндустон ва Ўзбекистон муҳим мебошанд, ба миён гузошт ва зарурияти самарабахш истифода бурдани хатсайрҳои мусоиди логистикиро барои фаъолтар намудани муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ қайд кард.

Вай ҳамчунин дар бораи таҷрибае, ки ширкат бобати расонда додани борҳо ҳосил намудааст, сухан гуфт ва изҳор дошт, ки ҳамкориҳоро бо ширкатҳои бузурги логистикии Ўзбекистон ба роҳ мемонанд.

Намояндагони Иттиҳодияи оҷонсиҳои сайёҳии Ҳиндустон дар бораи пешомадҳои минбаъд фаъолтар сохтани ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ҳарф заданд. Аз ҷумла пешниҳоди вобаста ба самарабахш истифода бурдани иқтидори иншооти сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, марказҳои фарҳангиву дилхушкунии Ўзбекистон баррасӣ гардид.

Таъкид шуд, ки ширкати «My Freighter»-и Ўзбекистон ва ширкати «IndiGo»-и Ҳиндустон рўзҳои наздик хатсайрҳои авиатсионии байни пойтахтҳои ду давлатро боз мекунанд, ба ин ҷараён ҳамроҳ шудани дигар ширкатҳои хусусӣ пешбинӣ мешавад, ки барои сафарҳои фаъоли тарафайни сайёҳон имкониятҳои нав фароҳам меоварад.

Пешомадҳои истифодаи васеи имкониятҳои саноати кино бобати пешбурди иқтидори сайёҳии Ўзбекистон дар Ҳиндустон муҳокима гардиданд. Вакилони ширкати «Yash Raj Films» изҳор доштанд, ки дар ҳудуди Ўзбекистон барои наворбардории кинофилмҳо ҷойҳои ҷолиб зиёданд ва онҳо аз ҳамкорӣ дар самти мазкур манфиатдор мебошанд.

**Сарвари ширкати «AGIO Pharmaceuticals Ltd.»-и Мадхусудан Рўё ва директори ширкати «InterMed Laboratories» Пареш Мехта** гуфт, ки тўли солҳои зиёд бо Ўзбекистон ҳамкорӣ дорад ва дар мамлакат солҳои охир барои рушди тиҷорат муҳити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Ба соҳаҳои тиб ва доруворӣ, ки дар муносибатҳои дуҷониба мавқеи муҳим доранд, эътибори махсус дода шуд. Аз ҷумла пешомадҳои созмон додани корхонаҳои муштарак ва боз намудани муассисаҳои бисёрсоҳаи тиббӣ дар Ўзбекистон баррасӣ гардиданд.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ДЕҲЛӢ.*

***Раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева бо ноиб-президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Энсиё Хазалӣ, ки ба кишвари мо бо ташрифи амалӣ омадааст, ҳамсуҳбат шуд.***

## ЎЗБЕКИСТОН ВА ЭРОН: РОБИТАҲОИ ҲАМКОРӢ МУСТАҲКАМ МЕШАВАНД

Алоқаҳои байни Ўзбекистон ва Эрон, ба хусус робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сиёсӣ мунтазам инкишоф меёбанд.

Дар вохурӣ масъалаҳои рўзмарраи рушди ҳамкориҳои дуҷониба, беш аз пеш мустаҳкам кардани муносибатҳои байнипарлумонии кишварҳои мо, дар доираи сохторҳои байналхалқӣ вусъат додани шарикӣ муҳокима гардиданд.

Дар ҷараёни мулоқот таъкид шуд, ки риштаҳои амиқи таърихии халқҳои бародар, менталитет, анъана ва ҳувиятҳои ҳаммонанди маънавӣ моро пайванд мекунанд.

Солҳои охир бинобар қатъияти роҳбарони давлатҳо робитаҳои ҳамкории Ўзбекистон-Эрон мунтазам инкишоф меёбанд, аз ҷумла, муносибатҳои байнипарлумонӣ низ ба зинаи нав бардошта шуданд, зикр шуд дар мулоқот. Аз ин нуқтаи назар таъкид гардид, ки ба мақсади таъмин сохтани иҷрои ўҳдадориҳое, ки дар сатҳи парлумонҳои олии ду мамлакат қабул шудаанд, назорати парлумонии онҳо муҳим мебошад.

Дар навбати худ меҳмон барои истиқболи самимӣ сипосгузорӣ карда, қайд намуд, ки сафарҳои амалии тарафайни байни парлумонҳо, вакилони ҳукуматӣ ва соҳибкорон бештар шуданд. Вай изҳори бовар намуд, ки пурра ба амал татбиқ ёфтани ҳуҷҷатҳое, ки дар соҳаҳои гуногун дар байни давлатҳо ба имзо расидаанд, дар оянда самараи худро хоҳанд дод.

– Дар Ўзбекистон ислоҳот мунтазам татбиқ мегарданд, мо инро бо чашми худ дидем ва шоҳид шудем, – гуфт Энсиё Хазалӣ. – Ба хусус ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ бобати ҳифзи ҳуқуқи занону духтарон такмил меёбанд, нақш ва мавқеи онҳо дар ҷамъият меафзояд. Ин, бешубҳа, шоистаи таҳсин аст. Ба ин маънӣ табодули тарафайни таҷриба ва ба роҳ мондани ҳамкорӣ барои ҳар ду кишвар муфид мебошад.

Дар анҷоми мулоқоте, ки дар рўҳи дўстона ва амалӣ гузашт, ҷонибҳо барои ба ҳаёт татбиқ намудани нақша ва лоиҳаҳои минбаъда, беш аз пеш мустаҳкам кардани робитаҳои ҳамкорӣ ба мувофиқа расиданд.

**Норгул АБДУРАИМОВА,**
**хабарнигори ЎзА.**

## ЎЗБЕКИСТОНИ КУНУНӢ ЎЗБЕКИСТОНИ ДИРЎЗА НЕСТ

***Дар Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 баланд бардоштани нақши кишвари мо ҳамчун субъекти баробарҳуқуқи муносибатҳои байналхалқӣ ба сифати ҳадафи асосӣ муайян карда шудааст. Дар пояи ин ҳуҷҷати барномавӣ Ўзбекистон мустақимона сиёсати хориҷии ошкоро, барои тарафайн муфид ва мустақилро бо дарназардошти манфиатҳои миллии худ татбиқ менамояд.***

Натиҷаҳои назарраси мулоқоти муътадил ва доимии Ўзбекистон бо кишварҳо – шарикон ва созмонҳои байналхалқӣ бинобар масъалаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, бо онҳо баргузор кардани вохўриҳои дуҷониба ва бисёрҷанба дар тамоми ҷаҳон эътироф ва дастгирӣ карда мешаванд.

Дар давраи сипаришуда кишвари мо дар соҳаи сиёсати хориҷӣ бинобар рушди муносибатҳои дўстона ва муфиди тарафайн бо мамлакатҳои хориҷӣ, пеш аз ҳама бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя натиҷаҳои хубро ба даст овард. Бори аввал дар таърих Ўзбекистон узви Шўрои СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон интихоб гардид. Ташаббусҳои ҷаҳонӣ ва минтақавие, ки аз ҷониби сарвари Ўзбекистон аз тариқи минбари баланди Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод мегарданд, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳон мунтазам ва бо рағбати зиёд дастгирӣ карда мешаванд.

Бо кишварҳои пешқадами ҷаҳон бобати ба роҳ мондани ҳамкориҳои ҳамаҷониба дар сатҳи стратегӣ ва бинобар вусъат додани шарикиву ҳамкорӣ муоҳидаҳо ба имзо мерасанд. Фаъолияти пурмаҳсули байналхалқии сарвари мамлакати мо моҳи майи соли равон мисоли равшани ин гуфтаҳо мебошад.

Чунончи, бинобар натиҷаи сафари дурўзаи Шавкат Мирзиёев ба Олмон, ки аввали соли равон ба вуқўъ пайваст, 16 ҳуҷҷати байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, савдо, молия, таълим, илм ва инноватсия ба имзо расиданд. Дар ҷараёни сафари давлатии роҳбари мамлакати мо ба ҶМЧ, ки 18 майи соли 2023 ба амал омад, Изҳороти муштараки сарони ду давлат, Барномаи маҷмўии рушди шарикии стратегии байни Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин барои солҳои 2023-2027 қабул гардиданд. Умуман, бинобар натиҷаи сафар ҷамъулҷамъ 41 ҳуҷҷат, ки ба таҳкими минбаъдаи шарикии ҳамаҷонибаи стратегии байни ду мамлакат ва вусъат додани ҳамкориҳои амалӣ нигаронида шудаанд, имзо шуданд.

Сафарҳои расмии ба наздикӣ анҷомдодаи роҳбари давлати мо ба Италия ва Эрон, ҳамчунин натиҷаи сафарҳои давлатии Президенти Сингапур Ҳалима Ёқуб ва Амири Қатар Шайх Тамим бин Ҳамад Ал-Танӣ ба кишвари мо низ пешрафти фаъоли мулоқоти байналхалқиеро, ки Ўзбекистон амалӣ менамояд, собит месозанд. Чунин мисолҳо хеле зиёданд.

Боз як ҷиҳати муҳими даврони кунуние, ки барои Ўзбекистони Нав хос мебошад, ҳамоҳанг сохтани сиёсати пурмаҳсули дохилӣ ва хориҷӣ ба шумор меравад.

Тавре ки дар тамоми ҷаҳон эътироф гардидааст, кишварҳои Осиёи Марказиро афзалияти олии сиёсати хориҷии худ донистани мамлакати мо ҳамчун ҷараёни муҳими геосиёсӣ аҳамияти бузург касб намуд.

Алҳол дар Осиёи Марказӣ ҳамкории қарин дар соҳаҳои амният, тиҷорату иқтисодиёт, об, энергетика, нақлиёт ва маданияту инсонпарварӣ ба дараҷаи сифатан баланд бардошта шудааст.

Сиёсати ошкорои минтақавӣ ва дохилии Ўзбекистон боиси ташаккул ёфтани воқеияти нави минтақавӣ гардид, ки аз як тараф сатҳи нави муносибатҳои мусбати байни кишварҳои минтақа, аз ҷониби дигар бо мамлакатҳои пешқадами ҷаҳонро мушаххас менамояд.

Алҳол Ўзбекистон ҳамоиши Созмони ҳамкории Шанхай ва ҷамъомади Созмони давлатҳои туркӣ, ҳамчунин даҳҳо конфронсҳои байналхалқии сатҳи олиро дар худ баргузор намуда, ба яке аз марказҳои сиёсати ҷаҳонӣ табдил ёфт. Ҳамаи ин, бешубҳа, аз он шаҳодат медиҳад, ки нуфузи байналхалқии кишвари мо меафзояд. Он санад, ки Ўзбекистон майдони бузурги минтақавии соҳаҳои зудривоҷёбандаи технологияи иттилоотӣ, сайёҳӣ, таълим ва тиб эътироф гардид, бидуни шубҳа, яке аз натиҷаҳои муҳими сиёсати ошкоро ба шумор меравад.

Миқёси фаъолияти мамлакати мо дар мақомот ва муассисаҳои СММ, созмонҳои ҷаҳонӣ ва минтақавии иқтисодӣ, молиявӣ ва инсонпарварӣ вусъат меёбад. Шаклҳои ҳамкорие, ки ба рушди муносибатҳои кишвари мо бо созмонҳои байналхалқии молиявӣ, кишварҳои Аврупо ва идораҳои Иттиҳоди Аврупо (ИА) дар соҳаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, об, энергетикӣ, нақлиёт ва маданиву инсонпарварӣ нигаронда шудаанд, дастгирӣ карда мешаванд. Бунёди байналхалқии асъор, Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки таҷдид ва тараққиёти Аврупо, ҳамчунин дигар созмонҳои байналхалқии молиявӣ ба барномаҳои ислоҳоти бебозгашт дар Ўзбекистони Нав эътибори зиёд медиҳанд.

Дар бораи ҳамкориҳои Ўзбекистон бо Иттиҳоди Аврупо сухан ронда, бояд қайд кард, ки ба шарофати сиёсати ошкоро ва мустақими хориҷии мамлакати мо мулоқот бо ИА дар тамоми дараҷаҳо хеле фаъолтар мешаванд.

Ба шарофати низоми сабукиҳои «ГСП+» ҳаҷми савдои Ўзбекистон бо Иттиҳоди Аврупо аз ибтидои сол анқариб 70 фоиз афзуд. Маҷмўи лоиҳаҳои пешомадноки истеҳсолоти баландтехнологӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ бо ширкат ва бонкҳои пешқадами аврупоӣ беш аз 20 миллиард евроро ташкил медиҳад.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨



*Бино ба фармони роҳбари давлат «Дар бораи чорабиниҳо доир ба бунёди мавзеъҳои «Ўзбекистони Нав» ва таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо», аз 9 декабри соли 2021, дар ноҳияҳои Ургут ва Булунғури вилояти Самарқанд мавзеъҳои «Ўзбекистони Нав» сохта мешаванд.*

*Тибқи фармон дар мавзеъ тўли солҳо-и 2022-2024 бунёди 54 хонаи серошёнаи дорои 1160 ҳуҷра, 2 мактаби таълими ҳамагонӣ, 8 маркази варзишиву солимгардонӣ, поликлиникаи оилавӣ, маркази маҳалла, нуқтаи такягоҳии ШКД, хонаи маданият, нуқтаҳои савдо ва хидматрасонӣ дар мадди назар аст.*

*Соли сипаригардида, бино ба нақша, сохтмони 18 хонаи бисёрошёнаи 20 ҳуҷрадор шўрўъ гардида буд. Соли равон сохтмони 25 хона оғоз ёфт.*

*Дар мавзеъҳои мазкур хати оби ошомиданӣ ва лўлаи газ низ кашида шуд. Дар айни ҳол сохтори оби равон низ амалӣ мешавад. Баъди ба анҷом расидани сохтмон корҳо бобати бунёди роҳ ва коммуникатсия оғоз меёбанд.*

***Дар акс:** лавҳае аз сохтмонҳои мазкур.*

***Аксбардор: Алишер ИСРОИЛОВ. (ЎзА).***

## ҶИҲАТҲОИ САМАРАБАХШИ СУҒУРТАИ ТИББӢ

***Ҳоло дар бозори тибби мамлакатамон фароҳам овардани муҳити рақобатбардори замонавӣ ва дар ин асос васеъ намудани имкониятҳои кумакрасонии босифати тиббӣ ва кафолатнок барои аҳолӣ аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Аз ин сабаб, дар соҳаи тандурустии мамлакатамон ислоҳоти азим татбиқ мегарданд. Ин аст, ки сифат ва самарабахшии хидматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ афзуда, ҳамаи шабакаҳои тиббӣ рақамӣ кунонида шудаанд, ба соҳа зина ба зина низоми суғурта ҷорӣ мегардад.***

Ба хусус, дар вилояти Сирдарё ба сифати озмунтаҷриба механизмҳои суғуртаи давлатии тиббӣ ва омодасозии тарҳи нави табобат ҷорӣ мегардад. Таҷрибаи мазкур аз соли ҷорӣ дар муассисаҳои тиббии шаҳри Тошканд амалӣ мегардад. Аз ҳама муҳимаш, суғуртаи давлатии тиббӣ, ки дар муассисаҳои тиббӣ амалӣ мешавад, зина ба зина ба марказҳои тиббии илмиву амалии ихтисосонидашуда ва 22 ташкилоти тиббии нодавлатӣ низ ҷорӣ мегардад. Ин бошад, ба ташкилотҳои тиббии давлативу нодавлатӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ ҳуқуқи хидматрасонии тиббиро медиҳад.

Ба мақсади таъмин сохтани рушди хидматрасонии кафолатноки тиббӣ ба муассисаҳои ибтидоии тиббӣ соли 2021-ум 66 навъи воситаҳои тиббиву доруворӣ, дар соли 2022 бошад, 120 намуди чунин воситаҳо аз тарафи давлат бепул расонда дода шуданд. Дар ҳудудҳое, ки механизми суғуртаи давлатии тиббӣ ҷорӣ гардид, барои беморони назоратии «Д», ки касалии доимӣ доранд, дар асоси ретсепти электронӣ низоми «реимбурсатсия» татбиқ шуд, ки бо 11 намуди воситаҳои доруворӣ амбулаторӣ муолиҷа мешаванд. Дар ин асосан, беморони заъфи дил, фишори баланди хун, диабети қанд ва касалиҳои доимии роҳи нафасдошта дур нарафта, доруҳоро аз поликлиника ё дорухонаи ба худашон наздик мегиранд.

Чорабиниҳое, ки ҳоло дар мамлакат дар соҳаи тибб татбиқ мегарданд, аз он дарак медиҳанд, ки давлат ўҳдадории кафолатноки хидмати тиббиро ба зиммаи худ гирифтааст. Масалан, миқдори маблағҳои барои рушди соҳа ҷудошуда нисбатан зиёд шуд. Соли 2022 ба соҳаи тибб аз буҷет 29 трлн. сўм ҷудо карда шуд, ки ин нисбат ба соли 2016 5 баробар зиёд мебошад. Дар панҷ соли гузашта миқдори маблағе, ки барои таъмини шифохона ва нуқтаҳои таъҷилии тиббӣ бо воситаҳои тиббиву доруворӣ ҷудо карда мешуд, 12 баробар зиёд гардид.

Бояд алоҳида таъкид намуд, ки пеш аз ҷорӣ гардидани механизми суғуртаи давлатии тиббӣ таҷрибаҳои оид ба соҳаи тибби якчанд давлат, мисли Сингапур, Куриёи Ҷанубӣ, Ҷопон, Фаронса, Олмон, Норвегия, Русия ва дигарон омўхта шуд.

Маълум гардид, ки ҳоло дар кишварҳои зиёд бунёдҳои суғуртавии тиббии махсус фаъолият мебаранд. Мақсади асосии онҳо маблағгузорӣ ба низоми суғуртакунонӣ ба тиббии маҷбурӣ барои таъмин кардани кумакрасонии босифати профилактикӣ ва тиббӣ барои беморон мебошад.

Ҳоло табиист, ки суолҳои суғурта чист, суғурта ба аҳолӣ ва тиб чӣ нафъ меорад, пайдо мешаванд. Бисёриҳо андеша доранд, ки суғурта як чизи маҷбурӣ ва бефоида аст. Зеро дар ҳолатҳои зиёд суғурта маҷбурӣ буда, одамон ба миқдори муайян маблағ пардохта, полисҳои суғуртаро харид мекунанд. Лекин ба сохтори суғуртавие, ки ҳоло ба низоми тандурустии миллӣ ҷорӣ карда мешавад, аҳолӣ пул намепардозад, ҳар як шаҳрванд дар доираи суғурта дар асоси пакети кафолатноки тандурустӣ аз ҳисоби буҷа суғурта кунонида мешавад. Бо ин маблағи аз буҷа ҷудошуда ба мақсадҳои муайян истифода мешаванд, ба беморон саривақт ташхис гузошта, сифати хидматрасонии тиббӣ боз ҳам беҳтар мегардад.

Ба роҳ монда шудани низоми суғуртаи тибб ба беҳтар гардидани мустақилияти маблағгузории муассисаҳои тиббӣ, афзоиши механизмҳои рағбатноксозии моддии ходимони соҳа саҳм гузошта, имконияти рушди муҳити рақобат дар бозори хидматҳои тиббиро фароҳам меоварад. Хулоса, барои баланд бардоштани сифати хидмати тиббӣ ба аҳолӣ саҳми назаррас дорад.

**Зумрад БЕКАТОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# ЎЗБЕКИСТОНИ КУНУНӢ ЎЗБЕКИСТОНИ ДИРЎЗА НЕСТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар соҳаи инсонпарварӣ ду лоиҳаи нодир дар ҳамкорӣ бо музейи Лувр воқеъ дар Париж ва Осорхонаи нав дар Берлин татбиқ гардиданд. Бори аввал дар ин марказҳои санъат мероси ғановатманди фарҳангиву таърихии Ўзбекистон васеъ намоиш дода шуданд. Шубҳае нест, ки шарикони аврупоӣ минбаъд низ барномаҳои миллии рушди Ўзбекистон ва стратегияи ислоҳоти бебозгашти онро дастгирӣ хоҳанд кард.

Зеро дар натиҷаи дигаргуниҳои куллӣ, ки шаш сол муқаддам оғоз ёфтанд, нуфузи мамлакат куллан тағйир ёфт. Сиёсати ошкоро, ки дар Ўзбекистони Нав мустақимона татбиқ мегардад, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакати мо, аз ҷумла, дар фаъолияти кишварамон дар сатҳи байналхалқӣ натиҷаҳои баланд медиҳад. Ўзбекистон дипломатияи иқтисодиро беш аз пеш мустаҳкам менамояд, ба рушди минбаъдаи муносибатҳо бо шарикони анъанавии худ бартарӣ дода, ҷуғрофияи робитаҳои хориҷиро вусъат медиҳад. Пеш аз он ки барои тасдиқи ин фикрҳо чанд мисол биоварем, бояд ислоҳоти мустақими мамлакати моро дар боби ҷорӣ намудани механизмҳои бозори озод, таъмин сохтани рақобати солим ва дахлнопазирии моликияти хусусӣ, дастгирии соҳибкорӣ, ҷорӣ кардани низоми самарабахши идораи давлатӣ ва дигар тағйироти мусбатро, ки ба фароҳам овардани қулаиҳои ҳарчи бештар барои тиҷорат нигаронида шудаанд, қайд намоем, ки алҳол дар тамоми ҷаҳон эътироф карда мешаванд.

Бо шарофати сиёсати рўшод ва мустақими хориҷӣ ва дар натиҷаи дигаргуниҳои васеи мусбат дар мамлакати мо, ҳамчунин саъю кўшишҳои қатъӣ дар арсаи байналхалқӣ, рағбат ва эътимод ба Ўзбекистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, обрў ва нуфузи кишвари мо зиёд мегардад. Мамлакат дар рейтинг ва индексҳои байналхалқӣ торафт боло меравад.

Дар Ўзбекистон озодкунии иқтисодиёт, кушодани роҳи васеъ ба тиҷорат, таҳкими қонунмандӣ ва кафолатҳои ҳуқуқӣ идома дорад.

Дар натиҷаи озодкунии низоми асъор, аз байн бардоштани монеаҳои дастёбӣ ба бозорҳои хориҷӣ муомилоти савдои хориҷӣ нисбати зиёда аз 7000 намуди ашёи хом ва молҳо ду баробар зиёд гардид.

Ҳамзамон бори андоз тақрибан 2 баробар коҳиш ёфт, маъмурияти андоз сода карда шуд ва дар минтақаи мо низоми самарабахши фискалӣ ташаккул ёфт, ки дар созмонҳои байналхалқӣ эътироф карда мешавад.

Бо шарофати афзудани эътимод ба ислоҳоте, ки дар ҳаёти мамлакати мо мунтазам ҷорӣ карда мешаванд, ҳаҷми солонаи сармояҳои хориҷӣ нисбати соли 2017-ум 3 баробар афзуд. Ба мақсади баромадан ба бозорҳои нав ҷараёни ба узвияти Созмони умумиҷаҳонии савдо қабул гардидани Ўзбекистон тезонида мешавад.

Боз як ҷиҳати муҳим: дар мамлакати мо дар доираи ислоҳот низоми маҷмўии кор бо сармоягузорон ҷорӣ гардид. Шўрои сармоягузорони хориҷӣ дар назди Президент ба мақсади сари вақт ҳаллу фасл кардани масъалаҳои сармоягузорон ва ба роҳ мондани робитаи бевосита бо роҳбари давлат кори худро оғоз намуд. Ҳифзи ҳуқуқи соҳибкорон пурзўр гардид. Тартиби хариди амволи ғайриманқул, омадан ва буду бош дар Ўзбекистон барои сармоягузорони хориҷӣ хеле сода карда шуд.

Бинобар маълумоти Оҷонсии омор муомилоти савдои хориҷии Ўзбекистон моҳҳои январ–майи соли 2023-юм 25,8 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дод. Ин нишондиҳанда нисбати то ҳамин давраи соли 2022-юм 5,2 миллиард доллар афзуд, ё худ 25,4 фоиз зиёд гардид. Дар сохтори муомилоти савдои хориҷии кишвари мо дар давраи зикршуда содирот 10,5 миллиард доллар, воридот бошад 15,3 миллиард долларро ташкил дод. Моҳҳои январ–майи соли 2023-юм Ўзбекистон бо 182 мамлакати ҷаҳон муносибатҳои тиҷоратӣ дошт.

Чунин мисолҳо зиёданд. Мутаассифона, ҳамаи онҳоро дар доираи як мақола наметавон фаро гирифт.

Тавре ки Президент дар суханронии худ дар Шўрои директорони Бонки таҷдид ва рушди Аврупо, ки моҳи майи соли равон дар Самарқанд баргузор гардид, изҳор дошт, Ўзбекистон минбаъд низ ба пеш қадамҳои устувор мениҳад, аз роҳи рушди ошкоро ва устувор барнамегардад.

«Ўзбекистони кунунӣ Ўзбекистони дирўза нест», таъкид кард роҳбари давлати мо.

**Шухрат УМИРОВ,**
*шореҳи АИ «Дунё».*




*Дар бузургтарин иқтидори саноатии мамлакат – Иттиҳодияи истеҳсолии «Корхонаи мошинсозии Навоӣ» айни замон беш аз 3,5 ҳазор коргарону ходимон меҳнат мекунанд.*

*Алҳол филизот ва дастгоҳҳои коркарди чўбу тахта, узвҳои мураккаб барои автомобилҳо ва дигар маҳсулоти баландсифат, ки таҳти тамғаи КМН истеҳсол мешаванд, нафақат дар кишвари мо, балки дар давлатҳои ҳамсоя низ харидор доранд. Сехи асбобсозии корхона аз бахшҳои аввалини ин коргоҳ ба шумор меравад. Ҳоли ҳозир 168 нафар коргарону ходимони сехи мазкур зиёда аз 200 номгўй маҳсулот тайёр мекунанд ва сеҳҳои асосиву мададрасонро бо асбобу ускуна ва дигар лавозимот таъмин менамоянд.*

***Дар сурат:** дар сехи асбобсозии «Корхонаи мошинсозии Навоӣ».*

***Суратгир: С. АСЛОНОВ (ЎзА).***

***Пос доштани мероси илмӣ-назарии Баҳоуддини Нақшбанд ва Абдулхолиқи Ғиждувонӣ, дастраси умум, хусусан ҷавонон гардондани ақидаҳои инсонпарварӣ ва ғояҳои ҳалолию покизагӣ, поквиҷдонию ростии онҳо яке аз вазифаҳои муҳимтарини Маркази маҷмўи ёдгории Баҳоуддин Нақшбанд ба шумор меравад.***

# «МАВҚЕИ ТАЪЛИМОТИ ХОҶАГОН-НАҚШБАНДИЯ ДАР ТАРБИЯИ ҶАВОНОН»

Бинобар нақшаи солонаи ин марказ конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Мавқеи таълимоти Хоҷагон-нақшбандия дар тарбияи ҷавонон» ба амал омад. Дар он олимони дахлдори соҳа, тадқиқотчиёни ҷавон, кормандони муассисаҳои динӣ, шогирдону мударрисони мадрасаи олии Мири Араб ва омўзишгоҳи миёнаи махсуси Мири Араб онлайн ва офлайн иштирок карданд. Тезисҳои бештар аз 40 маърўзаи иштироккунандагони конференсия дастраси кумитаи ташкилӣ гардонда шуд. Баъди таҳрири мутахассисон ба нашр тайёр карда шуда, аз ҳисоби марказ ба шакли маҷмўа интишор ёфт.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# МУЛОҚОТИ МУФИД БАРГУЗОР ГАРДИД

***Як ҳайат ба намояндагӣ аз Вазорати маорифи Тоҷикистон дар Оҷонсии таълими томактабии Вазорати таълими томактабӣ ва мактабии Ўзбекистон пазируфта шуд.***

Дар мулоқот масъалаҳои вобаста ба таълим дар муассисаҳои томактабӣ баррасӣ шуданд.

Таъкид гардид, ки ҳадафи асосӣ аз ин ташриф ва баргузории мулоқотҳои кормандони соҳаи фавқуззикр бештар аз ҳама табодули таҷрибаи миёни кормандону мутахассисон мебошад. Зеро агар кўдакон ба муассисаҳои таълими томактабӣ ҳарчи бештар фаро гирифта шаванд ва онҳо то пазируфта шудан ба синфи якуми макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ аз таълиму тарбияи кофӣ баҳраманд гарданд, ояндаашон дурахшон хоҳад шуд.

– Дар ҷумҳурии мо 72,3 дарсади кўдакони аз 3 то 7-сола ба муассисаҳои таълими томактабӣ фаро гирифта шудаанд. Ҳатто метавонам барои шумо дар бораи минтақаҳое ҳарф занам, ки дар мавриди ҳаҷми фарогирӣ ба муассисаҳои таълими томактабӣ нисбат ба манотиқи дигар ба дастовардҳои бештар ноил гардидаанд. Ба таври мисол, шаҳраки Мўйноқи Қароқалпоқистон аз зумраи минтақаҳоест, ки ҳаҷми фарогирӣ дар он 100 фоизро ташкил медиҳад, – гуфт ҷонишини вазири таълими томактабӣ ва мактабии Ўзбекистон, мудири Оҷонсии таълими томактабӣ Агреппина Шин.

Инчунин таъкид гардид, ки дар кишвари ҳамҷавор ба муассисаҳои таълими томактабӣ фаро гирифтани кўдакон ҳудуди 17 фоизро ташкил менамояд ва дар муқоиса бо Ўзбекистон нишондиҳандаи чандон баланд намебошад.

Ҳайати Тоҷикистон тўли як ҳафтаи мулоқот ҳамзамон аз муассисаҳои гуногуни таълими томактабӣ боздид ба амал оварданд ва бо кору фаъолияти онҳо аз наздик ошно шуданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



*Дар чорабиниҳои хурду бузурги вобаста ба хоҷагии қишлоқ, ки дар миқёси вилояти Фарғона баргузор мешаванд, фаъолияти хоҷагии фермерии «Мизон»-и ноҳияи Ёзёвон зуд-зуд ба забон бурда мешавад, таҷрибаи самарабахши онҳо бобати пахтакорӣ барои оммавӣ кардан тавсия мегардад.*

*Бояд таъкид кард, ки тирамоҳи соли гузашта пахтакорони хоҷагии фермерии «Мизон» дар чинаки аввал 334 тонна ҳосил ҷамъ оварда, нақшаи шартномавиро 120 фоиз иҷро карданд. Ҳосилдорӣ аз ҳар кадом 62 гектар майдони пахта ба 52 сентнерӣ рост омад.*

*Аҳволи иқтисодии хоҷагии фермерӣ, ки ҳосилнокии пахтаро сол аз сол зиёд мекунад, низ торафт беҳтар мегардад. Соли гузашта аз ҳар гектар замин 22 миллион сўмина даромади соф ба даст омад. Ин натиҷа, бешубҳа, ба беҳтар шудани пойгоҳи моддиву техникии хоҷагӣ ва афзудани манфиатдории моддии деҳқонон мусоидат намуд. Он чиз шоёни эътибор мебошад, ки дар хоҷагии фермерӣ ба 15 оилаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ эҳтиёҷманд кумаки моддӣ расонида шуд.*

***Дар сурат:** дар хоҷагии фермерии «Мизон»-и ноҳияи Ёзёвон.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# ҲОКИМ МУРОҶИАТҲОИ ШАҲРВАНДОНРО ШУНИД

***Қабули сайёри навбатии ҳокими вилояти Самарқанд Эркинҷон Турдимов дар ноҳияи Пайариқ баргузор гардид.***

Шаҳрвандон, ки аз шаҳру ноҳияҳои вилоят ташриф фармуда буданд, бештар аз рўйи масъалаҳои таъминоти барқ, гузоштани симчўб ва трансформатор, роҳ, сохтмон, табобат, ёрии моддӣ, пешгирии сохтмонҳои ғайриқонунӣ, хонаву ҷой, таъмини шуғл ва гирифтани кредит муроҷиат карданд.

Ҳоким дар рафти қабули сайёр дар бораи баъзе муроҷиатҳое, ки рад карда мешаванд, ҳарф зад:

– Баъзе шаҳрвандон аз рўйи масъалаи субсидия барои гирифтани хонаву ҷой кўмак мепурсанд. Мехоҳам ин чизро амиқтар фаҳмонам. Дар ҷудо кардани субсид омили инсон вуҷуд надорад. Ба Маркази хидматҳои давлатӣ муроҷиат мекунед. Ин масъала тавассути барномаи махсус танҳо ба таври автоматӣ дида мешавад. Агар ариза ва ҳолати шаҳрванд ба мизонҳои муқаррарӣ мувофиқ набошад, мо ягон ёрӣ расонида наметавонем. Имтиёзот оид ба субсидро танҳо шаҳрвандоне бояд бигиранд, ки ба он муносибанд ва эҳтиёҷ доранд.

Инчунин, аз рўйи масъалаи таъмири хонаву ҷой низ муроҷиат мекунанд. Албатта ба оилаҳое, ки ба ёрии моддӣ ниёз доранд, ёрӣ мерасонем, сарпараст меёбем. Намехоҳем ба шахсоне, ки лаёқати корӣ, замини наздиҳавлигӣ доранд ва аз он истифода намебаранд, ёрӣ расонида, нисбати онҳое, ки бо меҳнату ҳаракати худ ба ин чизҳо ноил мегарданд, беэҳтиромӣ кунем, – гуфт ҳокими вилоят.

Дар рафти қабули сайёр як гурўҳ шаҳрвандон аз рўйи натиҷаи муроҷиатҳое, ки дар қабулҳои пешина баён карда буданд, изҳори назар намуданд.

– Аз деҳаи Тоғчиноқи ноҳияи Каттақўрғон омадам, – гуфт яке аз муроҷиаткунандагон Қурбонқул Маҳмудов. – Дар қабули сайёре, ки дар шаҳри Самарқанд гузаронида шуд, аз рўйи масъалаҳои роҳ ва хидматҳои коммуналии ҳудудамон муроҷиат карда будам. Ҳоло ташкилотҳои мутасаддӣ корҳои амалиро сар карданд ва хостам барои ин ба масъулон миннатдорӣ баён кунам.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

## ХАБАРҲО

### МАРКАЗИ НАВИ ТИҶОРАТӢ ДАР НАЗДИ «БУНЁДКОР»

***Дар назди стадиони «Бунёдкор»-и пойтахт дар ҳудуди 5,5 гектар барои нигоҳ доштани автомобилҳо майдон ҷудо карда шуда буд.***

Бо имзо шудани қарори роҳбари давлат дар бораи баланд бардоштани ҷозибадории саноат ва сармояи ноҳияи Чилонзор акнун дар ҷои автомобилгоҳ маркази тиҷоратии замонавӣ бунёд карда мешавад. Лоиҳа наздик 200 миллион доллари ИМА арзиш дорад. Амалӣ гардонда шудани он дар солҳои 2023–2025 ба нақша даромадааст.

Марказ меҳмонхона, объектҳои тиҷоратӣ ва хидматрасонӣ, манзилҳои бисёрошёна ва автомобилгоҳи бисёрқабатаро фаро хоҳад гирифт.

### ҶАРИМА БАРОИ БЕПАРВОӢ БА ДАРАХТОН

***Дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» дар мамлакат корҳои азими хуррамгардонӣ ба амал бароварда шуданд. Вале танҳо бо нишондани ниҳолу бутта кор буд намешавад. Рустанӣ ё худ олами наботот мавҷуди зинда аст, хусусан дар ду-се соли аввал парвариш ва нигоҳубини доимиро тақозо менамояд.***

Мушоҳидаҳо нишон доданд дар баъзе ҳудудҳо корҳое, ки дар ин самт амалӣ гаштанд, баъди гузаштани вақт ба ҳоли худ гузошта шудаанд. Дар натиҷа қисман ниҳолҳо аз беобӣ хушку пажмурда шудаанд. Дарахтонро ғайриқонунӣ буридаанд ва решаков кардаанд ё худ ба ҷои дигар кўчондаанд.

Марбут ба ин масъала дар вилояти Навоӣ баённомаҳо тақдим карда шуданд. Бинобар бемасъулиятӣ ба 36 нафар шахсони масъул чора андешида шуд. Қарор гашт онҳо 118,5 миллион сўм ҷарима пардозанд.

### БАҲРИ ПЕШГИРИИ СЎХТОР

***Пешгирӣ аз сўхтор, риоя ба қоидаҳое, ки дар ин самт муайян гардидаанд, барои ҳамаамон муҳим. Одатан дар фасли зимистон бинобар беэҳтиётӣ ва истифодаи нодуруст аз системаи гармигузаронӣ сўхтор рўй медиҳад ва он ба чӣ оқибате меоварад, ба ҳар кас маълум.***

Вале ин офат мавсим надорад, дар тобистон низ вуқўъи он ба талафоти калон сабаб шуданаш мукин. Чунончи, моҳи июн дар бозори Қўқанд (Янгибозор) сўхтор ба амал омад...

Аз ҷониби ходимони шуъбаи ноҳиявии вазъияти фавқулода дар бозоре, ки дар маҳаллаи Себзори ноҳияи Сўх воқеъ аст, таҳти ҳамдастӣ бо ташкилотҳои ҳамкор чорабинии профилактикӣ ба вуқўъ пайваст. Ба шаҳрвандон ва ходимони бозор оиди пешгирии сўхтор ва дар вақти вуқўъи он чӣ тавр ҳаракат кардан, ба низоми марбут ба вазъияти фавқулода чӣ тавр риоя сохтан корҳои фаҳмондадиҳӣ пеш бурда шуд. Масъулон тавассути машқҳои амалӣ низ эътибори иштирокдоронро ба худ ҷалб карданд, дар ин бобат хеле эҳтиёткор буданро дигарбора хотиррасон сохтанд.

**М. ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».**

# «ЎЗБЕКИСТОН – ҶОМЕАИ СОЛИМ ВА БОМАЪРИФАТ»

***Дар Тошканд таҳти ҳамин ном конфронси байналмилалӣ баргузор гардид. Дар конфронс, ки дар доираи Ҳафтаи ташаббусҳои байналмилалии шарикӣ ва дар мавзўи «Ўзбекистони Нав: рушд, инноватсия ва маориф» баргузор шуд, намояндагони як қатор созмонҳои байналмилалӣ ва ходимони соҳаи таълими халқи кишварҳои хориҷӣ ширкат карданд.***

Ҳадафи аслии ин чорабинӣ баррасии вижагиҳо ва нақши маориф ва илм дар ташаккул ва рушди сармояи инсонӣ дар Ўзбекистони Нав, табодули афкор доир ба тамоюлҳои имрўзаи ислоҳоти низоми маориф буд.

Зимни суханрониҳо дар мавзўъҳои «Таълими босифат – заминаи мустаҳками Ўзбекистони Нав», «Сармояи инсонӣ: мушкилоти ҷаҳонӣ ва тамоюлҳои рушд» мазмуни ислоҳоти соҳаи таълими томактабӣ ва мактабӣ дар солҳои охир ва таҳлили дигаргуниҳои бузурге, ки дар ин соҳа ба вуқўъ пайвастаанд, ҳаматарафа муҳокима карда шуданд.

Пўшида нест, ки дар солҳои охир дар соҳаи таълими томактабӣ ва мактабии ҷумҳурии мо хеле дигаргуниҳо ба амал омаданд. То имрўз фарогирии кўдакони синни томактабӣ ба муассисаҳои таълими томактабӣ аз 27,7 дарсади соли 2017 то ба 72,3 дарсад афзоиш ёфт.

Эътироф гардид, ки барои ноил шудан ба ин нишондодҳои баланд дар панҷ соли охир шумораи муассисаҳои таълимии томактабӣ аз 5 ҳазору 211 ба 29 ҳазору 420 расонида шуд. Аз ҷумла, 6 ҳазору 598 муассисаи таълимии томактабии давлатӣ, 833 хусусӣ, 1 ҳазору 313 муассисаи таълимии томактабии ғайридавлатӣ дар асоси шарикии давлативу хусусӣ ва дар 20 ҳазору 676 оила муассисаҳои таълимии томактабии ғайридавлатӣ кушода шуданд.

Гузашта аз ин, дар натиҷаи ба итмом расидани сохтмони 438 кўдакистони нави давлатӣ барои фаро гирифтани 60 ҳазору 335 нафар, дар натиҷаи реконструксия намудани беш 2 ҳазор кўдакистон барои ҷалби 13 ҳазору 980 кўдак имкон фароҳам оварда шуд. Дар ин миён 785 муассисаи давлатии томактабӣ пурра аз таъмир баромад.

Тавре ки дар конфронс қайд шуд, барои кўдакони оилаҳои ба ҳимояи иҷтимоӣ эҳтиёҷманд намудҳои алтернативии таълими томактабии бепул ҷорӣ гардидаанд. Дар доираи лоиҳаи «Ақлвой» дар 142 маҳаллаи ҷумҳурӣ, ки дар он ҷо муассисаҳои томактабӣ мавҷуд нестанд, 387 гурўҳи сайёр ташкил карда шуда, ба он ҳудуд 7 ҳазор кўдак ба таълиму тарбия фаро хонда шуданд.

Маълум шуд, ки то кунун дар натиҷаи ҷалби васеи сармояи хориҷӣ ба соҳаи таълими томактабӣ дар ҳаҷми 141 миллион доллари ИМА созишномаҳои байналмилалӣ ба даст оварда шудаанд. Дар ҳамин ҳол дар 22 муассисаи таълими олии давлатӣ барои системаи таълими томактабӣ омўзгорон тайёр карда мешаванд.

Дар конфронс ба он нукта ишора карда шуд, ки шумораи омўзгорони системаи таълими томактабӣ аз 58 ҳазору 400 нафари соли 2017 ба 151 ҳазору 746 нафар расидааст. Ҳиссаи муаллимони дорои маълумоти олӣ низ аз 21,6 фоиз ба 34 фоиз афзоиш ёфтааст.

Шаклу тарзҳои таълими инклюзив ва дастгирии кўдакони маълўлу ногирон ҷорӣ карда шуд ва он дар шаҳрҳои Нукус, Қаршӣ ва ноҳияи Қибрай ба фаъолият идома медиҳад. Дар ин таълимгоҳҳои таҳти номи «Имкон» корҳои реабилитатсионӣ ба амал баровардa мешаванд.

Навигарии дигаре, ки дар конфронс қайд гардид, якҷоя бо мутахассисони Созмони ҷаҳонии тандурустӣ бо мақсади таъмини кўдакон бо хўроки хубу серкаллории солим таҳияи китоби ретсептҳо мебошад, ки дар муассисаҳои томактабӣ истифода мешавад. Дар натиҷаи эътирофи байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ дар Ўзбекистон соли 2022 дар шаҳри Тошканд конфронси ҷаҳонии ЮНЕСКО оид ба таълиму тарбияи томактабӣ баргузор гардид, ки дар он Эъломияи Тошканд қабул гардид ва он самтҳои афзалиятноки тарбияи томактабиро барои 10 соли оянда муайян менамояд.

Бар асоси фармони марбутаи Президент дар ҷумҳурӣ «Консепсияи то соли 2030 ривоҷ додани сохтори таълими халқ» ба тасвиб расид ва он стратегияи 10-соларо муқаррар намуд.

Дар давоми ҳафт соли охир 5 ҳазору 137 мактаб таъмир гардида, аз ҳисоби грант ва сармоягузории созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва буҷети давлатӣ 6 ҳазору 251 синфи муосири компютерӣ бунёд карда шуданд. Аз ҳисоби бахши хусусӣ шумораи ташкилотҳои таҳсилоти умумии ғайридавлатӣ ба 364 адад расид, ки нисбат ба соли 2017 қариб 6 маротиба зиёд мебошад. Дар доираи барномаҳои PIRLS 2021, TIMSS 2023 таҷрибаи баҳодиҳии саводнокии омўзгорону хонандагони мактабҳо аз як қатор фан роҳандозӣ гардид.

Аз соли нави таҳсил ҷорӣ намудани системаи бо хўроки бепул таъмин намудани талабагони синфҳои ибтидоӣ, ки дар минтақаи Арал воқеъ гаштаанд, таъмин гардид ва минбаъд барои мактабҳои миёнаи тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ он ҷорӣ карда мешавад.

Дар олимпиадаҳои байналмилалӣ хонандагони мактабҳои президентӣ, эҷодӣ, тахассусӣ ва мактаб-интернатҳо 37 медал ба даст оварданд, ки ин боиси ифтихори мардуми мо мебошад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



**Дар Донишкадаи политехникии Фарғона осорхона ташкил гардид**

*Дар осорхона тақрибан 300 экспонат мавҷуд, ки аз асбобу ускунаҳои барои ҷараёни таълим зарур иборат мебошанд. Дар ин ҷо имконияти тамошои аксҳое ҳаст, ки қиёфаи қадимаи шаҳрҳои водии Фарғонаро намоиш медиҳанд.*

*Осорхона ба павилонҳои «Ифтихори донишкадаи мо», «Сафари меҳмонҳои баландмартаба», «Донишҷӯёни соҳибистеъдоди мо», «Кошифони қуллаи Эверест ва қутби шимолӣ», «Ректорони мо» ва ғайра тақсим шудааст. Дар онҳо маҷмӯаи суратҳои нодир ҷой доранд.*

***Дар сурат:*** *дар осорхонаи Донишкадаи политехникии Фарғона.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

**Бо ташаббус ва ҷонибдории сарвари давлатамон Самарқанди куҳану ҳамеша ҷавон на танҳо ба бузургшаҳру маркази сайёҳон ва тиҷорати байналхалқӣ, инчунин илму фарҳанг низ табдил меёбад. Ташкил ёфтани Мактаби Президенти Ўзбекистон дар шаҳри Самарқанд далели ин фикр аст.**

# НАХУСТИН ПАРАСТУҲОИ МАКТАБИ ПРЕЗИДЕНТӢ ХАТМ КАРДАНД

Боиси хушнудист, ки имсол 24 нафар толибилмони мактаби мазкур аллакай ба мактабҳои олии бонуфузи Чин, Англия, Амрико, Русия ва дигар кишварҳои ҷаҳон бо гранту имтиёзҳои гуногун дохил шудаанд.

Дар китобхонаи Маркази захираи ахбори ба номи Пушкин вохӯрӣ бо нахустин парастуҳои ин мактаб ба вуқӯъ пайваст.

Басуханбаромадагон, ба хатмкунандагон комёбиҳои нав ба нав таманно намуданд.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки боз аз вилояти Самарқанд ба мактаби Президент 430 нафар ҷавонони соҳибистеъдод интихоб шуда, баъди супурдани имтиҳонҳо бо иштироки устодону омӯзгорони хориҷӣ қабул хоҳанд шуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Зикри хайр*

# «АГАР МАН НАСӮЗАМ, АГАР ТУ НАСӮЗӢ...»

*Мазҳаби зиндадилон хоби парешонӣ нест,*
*Аз ҳамин хок ҷаҳони дигаре сохтан аст.*

Ин шоҳбайти шоири бедордил, худшиносу муборизи Шарқ Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ барои онҳое нигошта шудааст, ки дилу дидаи бедор доранду соҳиби маънавияти волову андешаву афкори тоза ҳастанд ва умри хешро сарфи ободиву бунёдкорӣ месозанд.

Шоири зиндаёд Абдуллоҳи Раҳмон низ аз зумраи қаламкашоне буд, ки қалами хешро алайҳи беадолатӣ, ноҳақӣ, душманони миллату забон, бесаводон ҳамеша тез кард. Рӯҳи инқилобие, ки дар шуур ва раги андешааш ҷӯш мезад, ӯро як лаҳза ҳам ором намегузошт. Ҳам дар минбари сухан, ҳам дар маҳфилу анҷуман, ҳам дар шеърҳои пурдарду пурсӯзу гудози пурмаъно ва ҳам дар суҳбатҳои хосу ому ҳам дар кору пайкори ӯ бедориву худогоҳиву худшиносиаш баръало ҳувайдо буд. Дар вуҷуди батамкину табиати вазнину босуботаш як исёни чун вулқон ҳар лаҳза ҷӯшандаву хурӯшандаву тарканда дида мешуд. Маслаки ӯ зиндагии ҳалолу покиза, дӯстии босидқу бериё, шинохтани худу асли худ, пос доштани забону миллат, дарёфтани ҳақиқат, қадр кардани ишқу муҳаббат ва дигар арзишҳои баланди инсонӣ буд. Дар шеъри «Марсияе барои худам» навишта буд:

*Мушту гиребон буд бас бо хоинони миллат ӯ,*
*Чун ҳезуми тар карда дуд аз ғадри ҳамхунон гузашт...*
*То ки забону миллати тоҷик монад пойдор,*
*З-он пеш то маргаш расад, аз баҳри сар, аз ҷон гузашт.*

### ОМӮЗГОРИ ФИДОӢ – РАҲНАМОИ ШОГИРДОН

Абдуллоҳи Раҳмон омӯзгори варзида, дӯстдори касби худ, маслиҳатгӯйи ҳамкасб, муҳибу ғамхор ба шогирдон, ботадбиру созанда ва маҳфилоро буд. Дар мактаби хеш як муҳити адабӣ офарид. Чанд тан эҷодкоронро парвариш карда ба камол расонд. Маъсума Бобокалонова, Розияи Бадал, Саодат Сангинова, Фарида Муҳиддинова, шодравон Зебуннисо Шокирова ва чанди дигар эҷодкорон дастпарвари ӯянд. Аз марги нобаҳангоми шогирдаш Зебуннисо ончунон сӯхт, ки аламрезаҳои қалбаш дар шеъри «Зебӣ рафт» ба дард ифода шудаанд. Ҳамкасбону шогирдон, пайравон, эҷодкорон ӯро беҳад ҳурмат ва қадр мекарданд.

Лекин, бо вуҷуди ин, мо гуфта наметавонем, ки Абдуллоҳи Раҳмонро ҳама яксон дӯст медошт. Зеро ӯ нисбати ноадолатӣ оштинопазир ва номуросо буд. Замоне, ки бо айби ду-се тан роҳбарони мансабталош, хоинони миллату забон, рахнаандозу вайронкорони қасри дӯстӣ макотиби тоҷикӣ дар вилоят баста шуд, дар нафақа бошад ҳам, худро ба канор нагирифта, аз аввалинҳо шуда ба по шуд. Пайи ҳифзи ҳуқуқи конститутсионии ҳаммиллатон бархест. Ҳаммаслакони хеш, равшанфикронро сарҷамъ намуда, бо хат то идораҳои болоӣ муроҷиат кард. Зеро ӯ боварии комил дошт, ки ин кори муғризонаи танҳо ду-се тан бадбинони дӯстии халқҳо буду конститутсия аз ҷониби онон дағалона вайрон мешавад. Аз фишор наҳаросид. Доим мегуфт, ки «бояд касе сарро ба кунда монад». Аз роҳу маслаки худ нагашт. Баръакс, дигаронро ба роҳи ҳақиқат ҳидоятгар шуд. Бо роҳбарии ӯ вақте ки ба барқарорсозии макотиби тоҷикӣ дар ноҳияи Сариосиё муваффақ шудем, минбаъд корро дар навоҳии Узуну Деҳнав ва Бойсун идома додем. Ба ноҳияҳои Узуну Деҳнав низ ӯ ҳамроҳамон рафта, ташвиқот бурд. Бо мактабиён ва равшанфикрон пайваста кор бурда, ниҳоят ба тоҷикикунии мактабҳо ноил гардидем.

Инҷониб, ки бо корҳои таблиғотии обунаи рӯзномаҳои «Овози тоҷик» ва «Ховар» мутtасил ба мактабҳои тоҷикӣ мерафтам, ӯ ҳамеша ба ман ҳамроҳӣ мекард. Мактабиёнро ба худшиносӣ даъват месохт. Дар лаҳзаҳои ноборориву ноумедӣ чун пири кор ба камина тасаллӣ ва умед мебахшид. Тафсилоти он воқеаҳову ёдоварии он рӯзҳо худ як китобест, ки бояд навишта шавад.

### ВОХӮРИИ АВВАЛ

13 апрели соли 1992. Дар ноҳияи Сариосиё бояд озмуни ҷумҳуриявии фанни забон ва адабиёти тоҷик баргузор мешуд. Ман он вақт донишҷӯйи факултаи журналистика ва тарҷумонии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон будам. Хабар ёфтем, ки ба шарафи ин озмун як гурӯҳ шоиру нависандагон, олимону рӯзноманигорон аз Тоҷикистон низ даъват шудаанд. Ман бо ҳамроҳии хабарнигори рӯзномаи «Овози тоҷик» дар вилоятамон Нуралӣ Раҷаб ва сармуҳаррири маҷаллаи «Тоҷикистон» Равшани Ёрмуҳаммад саҳарии барвақт аз Душанбешаҳр сӯйи Сариосиё роҳ пеш гирифтем. Аниқтараш, барои вохӯрӣ бо адибон ва дидани ҷараёни озмуни ҷумҳуриявӣ, ки дар вилоят баргузор мешуд, мешитофтем. Вале, мутаассифона, автомобили мо дар наздикии заводи арзизи Турсунзода ба садама дучор шуд. Хушбахтона, ба касе осеб нарасид, вале мошин хеле таъмирталаб гашт. То ба устохонаи шаҳри Турсунзода бурда таъмир кардан вақти зиёде гузашту баъди нисфирӯзӣ ба Сариосиё расидем. Чун мо ба манзил расидем, аллакай қисме аз меҳмонон маҳфилро тарк карда буданду нафаре дар минбар суханронӣ мекард. Ӯ бо як тамкини ба худ хос самимона, вале суханҳои оташин мегуфт. Нуралии Раҷаб ба ман ишора намуд, ки ин нафар омӯзгор ва шоир Абдуллоҳи Раҳмон аст. Ҳарчанд номи ӯро бисёр шунида будам, вале бори аввал медидамаш. Дар фароварди суханаш як шеъри худро, ки «Таҳорати ботин» ном дошт, хеле марғуб қироат намуд. Аз мазмуни шеъраш дарёфтам, ки ӯ шоири маънигарову шахси ботинпараст аст. Чуноне ки дар вохӯрии аввал ӯро дарёфтам то охири умраш, яъне муддати 28 соли шиносоиямон фикри ман дар ҳаққи ӯ тағйир наёфт. Таассуроти аввал боқӣ монд. Агар тағйир ёфта бошад ҳам ба хубӣ буд. Дар ҳар нишасту суҳбат, дар ҳар шеъру сухан ӯро аз нав кашф мекардам. Якрӯву яккавлу яксухан буд.

*Ду-се нокас ба ғафлат доварӣ кард,*
*Ки ор аз шеваю лафзи дарӣ кард.*
*Хиёнат бар Ватан созад касе к-ӯ,*
*Хиёнат бар забони модарӣ кард.*

### АЗ «ГУЛИ САНГ» ТО «АМВОҶИ ВАРОРӮД»

Хуллас, он рӯз, яъне, 13 апрели соли 1992, ки ҳеч аз хотирам намеравад, бо шоирон: Абдуллоҳи Раҳмон, Сулаймони Ҳоҷаназар, Холбой Ҷалил, Муҳаммадҷон Раҷабӣ ва нависанда Чоршанбеи Деҳнавӣ шинос шудам. Дар рафти суҳбат сухан аз рӯзномаи «Садои Сурхон» рафт ва зикр шуд, ки рӯзнома ба корманди эҷодӣ ниёз дорад. Нуралӣ Раҷаб низ гуфт, ки Турдиқул Ҳасратов – муовини сармуҳаррир, ҳоло дар яке аз сиҳатгоҳҳои Тоҷикистон муолиҷа мегираду бо он кас маслиҳат кардаем, ки Олимҷонро ба рӯзномаи «Садои Сурхон» ба кор даъват кунем. Аввал бо сармуҳаррир маслиҳат бояд кард ва баъд аз ҷойи хондан, ки он вақт донишҷӯйи соли дуюм будам бояд иҷозат гирифт. Ҳамин тавр шаби аввал мо дар хонаи шоир Абдуллоҳи Раҳмон меҳмон шудем. Суҳбат хеле тасфид. Он шаб аёнам шуд, ки онҳо маҳфили адабие доранд бо номи «Гули санг». Ман, ки дар Душанбешаҳр шомили маҳфили адабии «Ташти оташ» (роҳбараш Зафар Сӯфӣ) будам ва чунин маҳфилҳоро хеле дӯст медоштам, аз фаъолият доштани чунин як маҳфили адабӣ беҳад шод гардидам. Он шаб маслиҳати барои кор ба таҳририят муроҷиат карданро низ кардем. Бо дархости онҳо пагоҳии барвақт мо чор нафар: Нуралӣ Раҷаб ва Абдуллоҳи Раҳмону Холбой Ҷалил ба шаҳрчаи Шарғун рафтем ва рӯзи истироҳат, ки буд сармуҳаррир Истад Қосимзодаро аз хонааш дарёфтем. Қосимзода моро хуб пазируфта, изҳори боварӣ намуд, ки чун шахсони маъруф маро тавсия карда истодаанд, пас аз ӯҳдаи кор кардан мебароям. Шаби дуюм мо дар хонаи шоир Холбой Ҷалил меҳмон шудем ва рӯзи душанбе ман ба идора, ки дар шаҳри Деҳнав воқеъ буд, омадам. Ба қавле, он рӯз қаламими маро санҷиданд ва ба кор қабул карданро сармуҳаррир изҳор дошт. Ҳамин тавр, шаби сеюм мо дар хонаи Чоршанбеи Деҳнавӣ меҳмон шуда, маҳфилро идома додем ва ман ҳам як узви фаъоли маҳфил шудам. Он лаҳзаҳои гуворо ҳеч аз ёдам намеравад. Маҳз дар ҳамин нишастҳо ман бо аҳли қалами Сариосиёву Деҳнав шинос шудам.

(Давомаш дар саҳ.4).

*Арзи дил*

# ХОНААМРО ГАРМ КУНАД ҲАМ...

Омӯзгори муҳтарам, шахси фарҳангдӯсту адабпарвар Абдулло Сангинов, аз ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё дар мавриди обуна ба рӯзномаи «Овози тоҷик» арзи як нафар ҳамзабони бухороиамонро, ки дар Фейсбук дидаанд, дар шабакаи иҷтимоӣ овардаанд, ба ин маънӣ, ки «забони газета душвор асту мо онро хонда намефаҳмем, аз ҳамин сабаб обуна намешавем, онро дастрас кунем ҳам, ғайр аз макалатура (коғазпора) дигар ба чизе кор намеояд. Агар забони газета ба шеваи мо, бухороиҳо мебуд, ба он обуна мешудем»...

Албатта, ин фикри шахсии як нафар аст ва онро чандон ҷиддӣ набояд гирифт. Аз он бародари бухороӣ, ки ин ҳарфҳоро гуфтааст, аслан хафа ҳам набояд шуд, зеро маълум, ки худ тоҷик ҳам бошад, дар мактаб ба ин забон таълим нагирифтааст, забони адабӣ, аз ҷумла, забони «Овози тоҷик»-ро намефаҳмад...

Гилаи мо аз ҷойи дигар аст...

Оё кам ҳастанд нафароне, ки худ тоҷиканду дар мактаб низ ба забони модарӣ таълим гирифтаанд, маълумоти олӣ ҳам доранд, забони адабиро мефаҳманд, имкониятҳои иқтисодиашон низ хуб аст, яъне нодор нестанд, аммо ба ягона рӯзномаи умумиҷумҳуриявӣ — «Овози тоҷик», ки таърихи қариб садсола дораду мояи ифтихори мо — тоҷикон буду имрӯз ҳам бояд чунин бошад, обуна намешаванд? Агар дар назди онҳо аз обуна ва дастгирии рӯзнома гап кушоед, ҳазору як баҳона пеш меоранд, аз қабили «дар газета мақолаҳои расмӣ бисёр чоп мешаванд, чизи хонданӣ надорад, забонаш душвор шудааст» ва ғайраву ҳоказо.

Яъне бо ҳар роҳу восита худро ҳақ баровардан мешаванду аз тақдири ояндаи ин нашрияи ягонаи умумиҷумҳуриявии тоҷикӣ, ки имрӯз ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ аст, парвое надоранд.

Дар робита ба ин як ҳикояти воқеиро меоварам, ки охири солҳои ҳаштодум дар як нишаст аз забони дӯстам, омӯзгори соҳибзавқ ва рӯзноманигори хушсалиқа шодравон Садриддин Тоҷиддинов шунидаам:

Дар мактаби мо (мактаби рақами 45-уми ноҳияи Сариосиё), – гуфта буд ӯ, — як муаллими забони русӣ ҳамроҳамон кор мекард, ки аз тоторҳои Қрим буд. Боре дар сардиҳои зимистон ӯ бемор шуду чанд рӯз ба кор наомад. Мо сеҷор нафар омӯзгорон ба аёдаташ рафтем. Дасторхон ороcт, андак нишаста суҳбат кардем. Чашмам дар як гӯшаи миз ба як бастаи рӯзнома афтод. Варақ задам, рӯзномаи «Ленин байрагы» буд, ки ба забони тоторҳои Қрим дар Тошканд чоп мешуд. Аҷибтар аз ин он буд, ки аз як шумора якчанд нусха меистод. Гумон кардам, ки шояд хаткашон рӯзномаҳои чанд нафарро барои тақсим кардан ба вай супурдааст.

– Инҳо ҳамааш аз худатон ё аз они дигарҳо ҳам ҳаст? – пурсидам аз соҳибхона.

– Ҳамааш аз они худам, – гуфт ӯ. – Ман ҳар сол танҳо худам ба бист нусха «Ленин байрагы» обуна мешавам.

– Аҷоиб-ку! Чаро якто нею бистто? Охир якто ба ин рӯзнома боқӣ ба дигар газетаю журналҳо обуна шавед, хуб нест? – суол додам боз.

– Эҳ, Садриддин, ман ба ту чӣ хел фаҳмонам? Мо қрим-тоторҳо дар Ўзбекистон бисёр нестем, вале ҳукумат ба забони модарии мо ҳам газета чоп мекунад. Агар ҳар яки мо яктоӣ обуна шавем, ин чандон бисёр намешавад ва хавфи баста шудани рӯзнома пеш омаданаш мумкин. Бинобар ҳамин ман ҳар сол якбора ба бист нусха обуна мешавам. Чанд нафар дӯстони дигар ҳам даҳ-бист нусхагӣ обуна мешаванд. Эээ, дар печка алав монда хонаамро гарм кунам ҳам, бо рӯзномаи тоторӣ гарм кунам, – ҳазломез посух дод ӯ...

Инро дидаву суханҳои самимиву дилсӯзонаи ӯро бо гӯши худ шунида, нисбат ба ин муаллими одӣ, ки пештар низ барои донишу маҳорати хуби омӯзгориаш ҳурмат мекардам, ҳисси эҳтиромам даҳчанд зиёд шуд, – хулоса кард Садриддини худораҳматӣ, ки худаш низ аз ҳамин қабил инсонҳои худшинос ва баору номус буд...

Ана ғуруру ифтихори миллӣ, ана нанг, ана номус!

Мо чӣ? Ақаллан аз сад нафар як нафарамон оё ба рӯзномаи миллии худ обуна мешавем?

Худо медонад...

**Турдиқул ҲАСРАТОВ,**
**собиқадори матбуоту маориф, директори мактаби рақами 29, ноҳияи Сариосиё.**

***Аз апрели соли ҷорӣ мусобиқаҳои «Олимпиадаи панҷ ташаббус» миёни ҷавонони маҳаллаҳо оғоз гардида буд. Дар зинаҳои маҳалла, шаҳру ноҳия ва вилоятии мусобиқа ва озмун, ки аз рӯйи 19 самт, чун варзиш, маданият, санъат, китобхонӣ, технологияи ахбор ва касб гузаронида шуд, беш аз 393 ҳазор нафар ҷавонони самарқандӣ иштирок карда, аз онҳо 309 нафар роҳхати ҷумҳуриро ба даст оварданд.***

# ҶАВОНОНИ САМАРҚАНДӢ ДАР ҶОЙИ АВВАЛ

– Дар зинаи ҷумҳуриявии олимпиада ҷавонони боиқтидори мо шарафи вилоятамонро муносиб ҳимоя карда, 17 медали тилло, 9-то нуқра ва 12-то медали биринҷиро ба даст оварданд ва дар ҳисоби умумӣ ҷойи якумро гирифтанд, – гуфт сарвари Садорати сиёсати ҷавонон ва варзиши вилоят Ш.Рӯзиев. – Дар 11 маҳаллае, ки дар мусобиқоти лигаи «А» ҷойи аввалро ишғол кардаанд, майдони варзишии универсалӣ, дар 4 маҳаллае, ки дар лигаи «Б» ҷойи аввалро ишғол кардаанд «Street Workout» ва дар 1 маҳаллае, ки дар мусобиқоти лигаи «С» ҷойи аввалро ишғол кард, майдони варзишии «Workout» бунёд хоҳад шуд.

Аз ҷумла, дар ноҳияҳои Пахтачӣ, Оқдарё, Ургут дутоӣ майдони варзишӣ ва дар шаҳрҳои Самарқанду Каттақӯрғон, ноҳияҳои Самарқанд, Каттақӯрғон, Иштихон, Қӯшработ, Тайлоқ, Нарпай, Пастдарғам ва Ҷомбой яктоӣ майдончаи варзишӣ бунёд хоҳанд шуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ВОХӮРИИ ХОТИРМОН БО САФИР

***Сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ўзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода ба шаҳри Тирмиз бо мақсади сафари корӣ ҳузур пайдо кард. Зимни сафар бо раёсати Донишгоҳи давлатии Тирмиз мулоқот анҷом дода, доир ба масъалаҳои ҳамкорӣ дар бахши илм, таълим ва фарҳанг изҳори назар намуд.***

Дар ҷараёни сафар сафир бо фаъолияти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз ошно гардид. Дар аввалин дидору мулоқоте, ки бо муовини ректор оид ба корҳои таълим Расул Тӯраев дошт, вазъи густариши равобити иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ду кишвари ҳамҷавор – Ўзбекистон ва Тоҷикистон бо камоли қаноатмандӣ зикр гардид.

Дар раванди мулоқот бо донишҷӯёни кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқ масъалаҳои мубрами адабиву фарҳангӣ, дурнамои ҳамкориҳо ва алоқаҳои адабӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт, ки аз ҳар ҷиҳат ҷолибу судманд буд. Дар қисмати хотимавии мулоқот як даста китоб аз ҷониби сафир ба китобхонаи донишгоҳ ва инчунин ба меҳмони олиқадр низ дастоварди аъзоёни кафедра ва Маркази миллии тоҷикони вилояти Сурхондарё супорида шуд.

Дар фароварди мулоқот донишҷӯёни бахши сеюми кафедраи мазкур бо таронаҳои зебо табъи ҳозиронро шод карданд.

**Илҳом ЭШОНҚУЛОВ,**
**номзади илмҳои филологӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**




*Дар байни ҷамоаҳои фолклории ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ ҷашнвораи байналхалқии «Нурли наволар» баргузор шуд.*

*Дар чорабиние, ки ҷамоаҳои фолклорӣ аз минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ширкат ҷустанд, бо иштироки ҷамоаи ҳунармандии миллии «Сӯзана ва кашидадӯзӣ», мактабҳои мусиқӣ ва санъати бачагона ва аъзои марказҳои фарҳангӣ вохӯрии эҷодӣ ва дарсҳои маҳорат ташкил дода шуд. Дар доираи барномаи ҷашнвора ҷамоаҳои фолклорию этнографии мамлакат савту суруди нотакрори худ ва либосҳои саҳнаро намоиш доданд. Дар хотимаи ҷашнвора бо иштироки ҷамоаҳои фолклорӣ гала-консерт баргузор шуд ва ғолибон бо тӯҳфаҳо сарфароз гардонда шуданд.*



***Дар аксҳо:*** *лавҳаҳо аз ҷашнвора.*

***Аксбардор: С. АСЛОНОВ (ЎзА).***

*ТОБИСТОНИ ХУРРАМИ БАЧАҲО*

# ДАР ҲУЗУРИ БАЧАҲО

***Таътили тобистона тақозо менамояд, ки бачаҳо вақти пурқимати худро дар оромгоҳ, ҷойҳои сояву салқин, доманаи кӯҳсор гузаронанд. Дар маҳаллаи «Сайёд»-и ноҳияи Фориш оромгоҳе бо номи «Оташи нилгун» амал мекунад. Ба ин оромгоҳ на фақат аз ҳудуди ноҳия, балки аз шаҳру навоҳии дигари вилоят низ бачаҳо омада истироҳат мекунанд.***

Ба наздикӣ дар ин оромгоҳ барои 30 нафар фарзандони соҳаи шабакаҳои гази вилоят, ки истироҳати худро мегузаранд, аз ҷониби хидматчиёни ҳарбии «полигони кӯҳӣ-саҳроии Фориш» ва қисми ҳарбии ноҳияи Шароф Рашидов барномаи театрикунонидашудаи ҳарбӣ намоиш дода шуд. Бачаҳо ҳар як барномаи афсарони ҳарбиро бо диққат тамошо карданд. Ин намоишҳо дар дили онҳо ҳисси ватанпарвариро бедор хоҳад кард.

Ходимони идораи вазъиятҳои фавқулода техникаеро, ки ҳангоми рух додани ҳодисаҳои ногаҳонӣ, ба мисли сӯхтор, обхезӣ ва монанди инҳо истифода мешаванд, ба намоиш гузоштанд. Ба бачаҳо оид ба вазъиятҳои фавқулода, роҳҳои ҳимоя аз он маълумот доданд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# «АГАР МАН НАСӮЗАМ, АГАР ТУ НАСӮЗӢ...»

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ниҳоят, бо қарори шӯрои илмии донишгоҳ ба таҳсили таъҷилӣ гузашта дар «Садои Сурхон» ба кор шурӯъ кардам. Маҳфили «Гули санг» ҳар сари вақт гузаронида мешуд. Роҳбари он шоир Абдуллоҳи Раҳмони маҳфилоро бо дарк кардани шеъру таҳлили он ҷойгоҳи худро дошт. Баъди аз вазифа сабукдӯш шудани Истад Қосимзода зарурати ба маркази вилоят – шаҳри Тирмиз кӯчонидани рӯзномаи «Садои Сурхон» ба миён омад. Аҳли қаламі Сариосиёву Узун ва Деҳнав аз ин як андоза ранҷуру озурдахотир ҳам шуданд, зеро рӯзномаро маҳз муштариёни ҳамин минтақа дастгирӣ мекарданду саҳифаҳояшро рангин. Соли 1995 дар Тирмиз маҳфили адабии «Чашмаи Хуршед» таҳти роҳбарии шоир Ҷаъфар Муҳаммад таъсис ёфт. Соли 1996 таҳририят низ ба Тирмизшаҳр кӯчид. Шоир Абдуллоҳи Раҳмон ҳамчун як узви фаъоли ин маҳфил пайваста ширкат меварзид. Баҳри рушду нумӯъи он муттасил мекӯшид. Ин маҳфили адабӣ низ ҳафт сол фаъолияти босамар кард. Соли 2005 фаъолияти «Садои Сурхон» низ қатъ гардида, «Бохтар» рӯйи кор омад. Дар таъсиси ин рӯзнома низ хидматҳои Абдуллоҳи Раҳмон беқиёс аст. Дар мактаби рақами 38-уми Сариосиё, ки ӯ кор мекард, ҷамоаи омӯзгорону шогирдони мактаб мутташаккилона ба рӯзнома обуна мешуданд. Соли 2006 озмуне эълон намудем: ҷамоае, ки 100 нусха ба рӯзнома обуна мешавад, соҳиби мукофоти телевизори сиёҳу сафеди пултдор, ки он вақт, мӯд шуда буд, мегардад. Бо тасмим ва роҳбарии Абдуллоҳи Раҳмон, директори мактаб Абдуҷаббор Шукуров ва дастгирии ҷамоаи омӯзгорону шогирдони мактаб ба 110 нусха рӯзнома обуна гардида, соҳиби мукофот шуданд. Ин рӯзнома низ ду сол фаъолият карда, мутаассифона бо баъзе сабабҳо баста шуд. Абдуллоҳи Раҳмон ҳамон вақт чун яке аз посдорони забону муҳофизи арзишҳои миллӣ аз ин бохти фарҳангии миллатамон хеле сӯхт, аз парокандагиву бефарқии ҳамзабону ҳаммиллатон ҷигархун шуд. Ҳамин тавр, ду соли дигар дар муҳити адабии вилояти Сурхондарё на рӯзномаи тоҷикӣ фаъолият дошту на маҳфили адабӣ. Вале Абдуллоҳи Раҳмон каминаро ҳамеша даъват мекард, ки рӯзномаро аз нав эҳё созам. Дар ин роҳ ӯ ҳамеша маслиҳатгӯ ва ҳидояттгар буд. Ниҳоят, феврали соли 2009 рӯзномаи тоҷикии «Ховар» таъсис ёфт. Он аҳли қаламро боз атрофи худ сарҷамъ намуд ва бо тавсия ва ибтикори Абдуллоҳи Раҳмон маҳфили адабии «Амвоҷи Ворорӯд» созмон ёфт. Ин ба эҷодкорон рӯҳу илҳоми тоза бахшид. Дар маҳфилҳое, ки доир мешуд, намунаҳои эҷоди қаламкашон ва навқаламон таҳлил мешуд ва дар «Ховар» дарҷ мегардид. Бо роҳбарии устод Абдуллоҳи Раҳмон ниҳоят тасмим гирифтем, ки тазкира, ё худ намунаҳои ашъори эҷодкорони асри XX ва оғози XXI-и воҳаро дар шакли китоб чоп намоем. Ба ин кор шоири ҷавону умедбахш Хусрави Саъдуллоҳро масъул намуда, Абдуллоҳи Раҳмон ва камина дар ҷамъоварӣ ва таҳрири мавод аз наздик ба ӯ кӯмак намудем. Ниҳоят, соли 2011 тавассути нашриёти «Тамаддун»-и Тошканд «Сарводаи Сурхон» рӯйи чопро дид. Чопи ин китоб маҳсули маҳфили «Амвоҷи Ворорӯд» буд. Абдуллоҳи Раҳмон ба кори маҳфил, таҳрири ашъори шоирон ҳеҷ гоҳ ба саҳлангорӣ роҳ намедод. Ҷиддӣ муносибат мекард. Камбудии ашъори шоиронро рӯ ба рӯ, вале наранҷонида мегуфт, муҳокима мекард. Дар баробари ин, худ низ шеърҳои баландмазмуни дорои тасвирҳои ҷолиб эҷод мекард, вале ҳамеша ба чопаш таъхир менамуд. Нисбати худу дигарон серталаб буд. Кори сара ва пухтаро railисандид. «Қадаҳи лола» (Душанбе. Афсона. 2005) ва «Муждаи эҳё» (Самарқанд. Зарафшон. 2008)-ро низ аслан бо исрори дигарон чоп намудааст.

Қабл аз вафоташ ҳар гоҳе, ки ба аёдаташ мерафтем, ӯ на аз хастагии ҷисму ҷон, балки дар боби миллату забон, мероси ниёгон, илму ирфон, вазъи мактабу маорифи тоҷикӣ, фаъолияти оянддаи маҳфили адабӣ ҳарф мезад. Яъсу ноумедӣ дар ӯ дида намешуд. Аз нигоҳҳояш пай мебурдам, ки чун ҳамеша мегуфт: «Агар ман насӯзам, агар ту насӯзӣ, агар вай насӯзад, пас кӣ кунад равшан ин кунҷи зулмотро». Ин суханонро ӯ борҳо дар лаҳзаҳое, ки аз барор нагирифтани кори рӯзнома ва ё худ бефарқии ҳамзабонон ба кӯйи ноумедӣ меафтидем, такрор ба такрор ба ман мегуфту тасаллӣ медод, умед мебахшид. Нақшаҳои зиёде дошту афсӯс, ки бар хок бурд. Ниҳоят, баъди се соли вафоти шоир Абдуллоҳи Раҳмон аҳли қалами воҳаи Сурхон ва фаъолони марказҳои миллӣ-маданӣ боисрор талаб намуданд, ки кори маҳфилро инҷониб идома диҳам. Ҳамин тавр, баъди се соли фавти устод маҳфил аз нав ба кор шурӯъ кард.

### ПОСИ ХОТИРИ ШОИР ДАР МАҲФИЛИ «АМВОҶИ ВАРОРӮД»

Бо эҳё гардидани маҳфили адабии «Амвоҷи Варорӯд» аввалин маҳфил ба ёдбуди Абдуллоҳи Раҳмон бахшида шуд. 30 майи соли ҷорӣ дар рӯзи таваллудаш бо эҳтимом ва ибтикори Маркази миллӣ-маданиии ноҳияи Сариосиё, маҳфили адабии «Амвоҷи Варорӯд» ва маъмурияти мактаби рақами 38-уми ноҳия, ки худи шоир дар он ҷо кор кардааст, як ҳамойиши хотирмон шуда гузашт.

Шогирдони ӯ шеъру ғазал ва рубоиву дубайтиҳои устодро ифоданок қироат намуданд, ки ба ҳозирин завқи беандоза бахшид.

Дар маҳфили ёдбуд таъкид гардид, ки соли оянда ба 70-солагии шоир тайёрии ҷиддӣ дида шавад. Китоби ёдномае, ки иборат аз маҷмӯи мақолоту очерк, шеъру ёддоштҳо дар бораи ӯст, тартиб дода, нашр гардад. Куллиёти шоир, ки иборат аз се ҷилд асту аллакай тартиб дода шудааст, рӯйи чопро бинад, дар маҷмӯъ, як ҳамоиши пурмуҳтаво бо иштироки намояндагони аҳли қалам, адабиётшиносон, рӯзноманигорони Ӯзбекистону Тоҷикистон гузаронида шавад.

Инҷониб низ аз марги ӯ бисёр аламзада гаштаам ва дар сӯгвориаш марсияе эҷод намудаам, ки ҳоло манзури хонандагон карданиам:

### ОН ШЕРИ НАЪРАЗАН КУ?

*Бар дӯши кӣ бимонад бори гарони миллат?*
*З-ин пас намехурӯшад рӯди равони миллат.*
*Аз кӯҳҳо наояд акси садо дигар бор,*
*Ин марз мешавад чун бе посбони миллат?*

*Оё набишнавам ман дигар садои миллат?*
*Аз водии хамӯшон хезад нидои миллат.*
*Дар бешазори ғафлат он шери наъразан ку?*
*Аз баҳри ҳифзи миллат гардад фидои миллат!*

*Ӯ минбари суханро тоҷи сари забон кард,*
*Боғе бупарварид ӯ ризвони шоирон кард.*
*Дар боғ нағмахонанд имрӯз чанд мурғон,*
*Ӯ болу пар бубахшид машҳури ин ҷаҳон кард.*

*З-ин пас ба кори миллат аз кӣ мадад биҷӯям?*
*Ман дарди хештанро бар гӯши кӣ бигӯям?*
*Аз дасти кӣ бигирам мушкилгузар бувад роҳ,*
*К-аз ҳар қадам бароям душман чу рӯ ба рӯям.*

*Чун Тӯпаланг туғён карду чу ӯ равон шуд,*
*Бе ӯ Ниҳон* бимонду сад ҳайф ӯ ниҳон шуд.*
*Абдуллаҳи закитабъ, дарёдилу ботамкин,*
*Оғози навбаҳорон нашкуфтаву хазон шуд.*

***Ниҳон** – Дараи Ниҳон.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

---

**_Маросими ифтитоҳи ин марказ дар шаҳри Марғелон баргузор гардид. Дар маросим ҷонишини ҳокими вилоят Файзулло Қосимов ва сардори Садорати тандурустии вилоят Абдуқаюм Тӯхтақулов ширкат ва суханронӣ карданд._**



Ба гуфтаи Ф.Қосимов ин маркази нави перинаталӣ, ки мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд, минбаъд барои 150 нафар занони ҳомила хидмати беминнат мекунад.

– Аз соли 2022 дар ҳамкорӣ бо ҳокимияти вилоятҳо маҳз дар заминаи 46 иттиҳодияи тиббии ноҳиявию шаҳрӣ чунин марказҳои байниноҳиявии перинатал ташкил карда мешаванд. Дар шаҳрҳои Қӯқанд ва Марғелон 3 маҷмааи таваллудхона ва дар ноҳияи Бешариқ маркази байниноҳиявии перинатал бунёд карда шуд,– изҳор намуд Қосимов.

Дар маросими лентабурӣ собиқадорони соҳаи тандурустӣ низ ширкат намуданд. Баъд меҳмонон бо шароити маҷмааи таваллудхона ошно шуданд. Маълум шуд, ки шароити барои модарону кӯдакон фароҳамовардашуда ба талабҳои давру замон куллан ҷавоб дода метавонад.

# БОЗШАВИИ МАРКАЗИ БАЙНИНОҲИЯВИИ ПЕРИНАТАЛӢ

– Ин маркази перинатал барои занон ва кӯдаконе хидмат мерасонад, ки дар шаҳри Марғелон, ноҳияҳои Тошлоқ, Қӯштепа, Риштон ва Ёзёвон зиндагӣ мекунанд. Иншоот дорои таҷҳизоту дастгоҳҳои замонавӣ дар ивази 9,2 миллиард сӯм арзи вуҷуд намуд. Умедворем, ки ин марказ бо сарбаландӣ аз ӯҳдаи расонидани хидмати беминнат мебарояд,– гуфт Абдуқаюм Тӯхтақулов.

Дар ин маҷмаа шуъбаи ба ҳушварӣ низ фаъолият мекунад, ки тифлакони навбадунёомада аз хидмати солимгардонии он баҳраманд хоҳанд шуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА..*

---



*Дар шаҳри Янги Андиҷон Маркази ипотека бобати пешниҳоди хидмат ба шаҳрвандоне, ки манзили нав меҳаранд, кушода шуд.*

*Вилояти Андиҷон яке аз вилоятҳое аст, ки бобати ҳудуд хурд ва сераҳолӣ мебошад. Ин вилоят як фоизи тамоми қаламрави мамлакатро ташкил медиҳад, аҳолиаш бошад, 10 фоизи миқдори умумии тамоми аҳолии Ӯзбекистон аст.*

*Дар он аллакай беш аз 30 хонаи бисёрошёна бунёд шуда, калидҳояшон ба соҳибон супурда мешаванд. Мактаби дорои 1680 ҷой, поликлиника барои 200 нафар миҷозон ва корхонаи истеҳсоли сару либос ба кор сар карданд. Роҳҳо, шабакаҳои об, газ ва оби ошомиданӣ ба истифода супурда шуданд. Инак, маркази ипотека низ ба кор пардохт.*

***Дар сурат:** дар Маркази ипотекаи шаҳри Янги Андиҷон ба шаҳрвандон барои хариди манзилҳои нав хидмат расонида мешавад.*

***Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).***

---

*Шумо чӣ мегӯед?*

# «МИТИНГ» НЕ, СУХАНИ ВИДОЪ!

*Ку дӯст, ки қадри ёри ҳамдам донад,*
*Ку сӯхтадил, ки қимати ғам донад?*
*Одам зи куҷост, хоки одам зи куҷост,*
*Одам бошад, ки қадри одам донад!*
***(Лоиқ ШЕРАЛӢ).***

Санъатшиносе, фарзанди фарзонаи Самарқанд вафот карду хеле мардум «савоби иштирок дар ҷаноза бештар» гуфта, назди ҳавлии марҳум ҷамъ омаданд.

Раҳматӣ дар яке аз маҳаллаҳои навбунёди шаҳр манзил дошт. Баъзеҳо намедонистанд, вай кист ва хидматаш дар назди халқу ватан чист. Аз ин рӯ, фаъолон ва аҳли фарҳанг машварат ороста, ба як-ду нафар шахси ҳолдон супориш додаанд, ки қабл аз хондани ҷаноза нисбати хидматҳои шоистаи марҳум ҳарф зананд.

Аммо ба ҳайрати ҳозирон масъала ранги дигар гирифт. Имом-хатибе ошкоро гуфт, ки дар дини мубини ислом вақти ҷаноза митингбозӣ роиҷ нест. Ин анъана замони шӯравӣ буд.

Ин тардиди имом ҳамаро дар тааҷҷуб гузошт.

Ҳарчанд чанд нафар зери лаб норозиёна чизе гуфтанд, баъди хондани намози ҷаноза мо ба имом-хатиб ишора кардем, ки мақсад митинг не, сухани видоъ гуфтан аст!

– Аз «боло» супориш ҳамин хел, – ба сафедкунии худ гузашт имом-хатиб, – мо супоришро иҷро мекунему бас.

Бузургон насиҳат кардаанд:

*Сухан дониста гӯ, то дӯстро душман нагардонӣ,*
*Зи ҳарфи бетааммул ошно бегона мегардад.*

Бинобар ҳамин бар лаб мӯҳри хомӯшӣ зада, баъдан чанд китоби улуми диниро варақ задем, ки дар маросими дафн сухани видоъ гуфтан воҷиб аст ё не?!

Дар ривояте, ки аз Умар ибн Хаттоб (р) оварда шудааст, таъкид кардаанд, ки Паёмбари Худо (с.а.в) фармудаанд: «Ҳар мусалмонеро, ки чаҳор нафар ба хубиаш шаҳодат бидиҳанд, Худованд ӯро аз биҳишт ҷой медиҳад.

– Гуфтам: Агар се нафар шаҳодат диҳанд?

– Фармуданд: Агарчанде се нафар шаҳодат бидиҳад.

– Гуфтам: Агар ду нафар шаҳодат диҳанд?

– Фармуданд: Агар ду нафар ҳам шаҳодат бидиҳанд.

Вале шаҳодат додани як нафарро аз эшон напурсидем».

– Ман дар тааҷҷубам, – иброз дошт адиби шинохта Адаш Истад, – рафтору гуфтори баъзе пешвоёни динро ҳеҷ намефаҳмам. Онҳо сухани видоъ гуфтанро «митинг», яъне амали зиддидинӣ гумон мекунанд, ки хатост. Дӯсти наздикам Баҳром Истамқулов ҷон ба ҷонофарин супурд. Барои хондани намози ҷаноза имом-хатиби вилоят омад. Хушбахтона, моҳияти сухани видоъро фаҳмид, ки камина сифатҳои неки марҳумро ба ҳозирон гуфтам. Лекин шуур ва ҷаҳонбинии баъзе ба ном муллоҳо ниҳоят паст. Ба назарам, онҳо ҳарос доранд, ки нотиқон нисбати онҳо ба мавриду пурмаъно сухан мегӯянд. Шояд аз рашк ё ҳасад бошад, иҷозат намедиҳанд, ки баъзеҳо пеш аз ҷаноза дусе даҳан сухани видоъ гӯянд. Ман дар Тоҷикистон, ки солҳои тӯлонӣ кор кардаам, чунин якравии муллоҳоро мушоҳида накардаам.

Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ, ки тамоми аркони исломро адо намудааст, мегӯяд:

*Зиндаву ҷовид монд, ҳар кӣ накӯном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро!*

Магар сари турбати марҳум дар ҳаққи вай сухани нек гуфта, видоъ намудан зикри хайр нест?!

Аллома Иқболи соҳибназар хеле дуруст фармудааст:

*Ислом ба зоти худ надорад айбе,*
*Ҳар айб, ки ҳаст, дар мусалмонии мост!*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

---

*Акси садо*

# АНДЕША МЕБОЯД ҲАМПЕШАГОН

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ доир ба озмуни ҷумҳурӣ аз фанни забон ва адабиёти тоҷик, ки моҳи майи соли равон байни хонандагони синфи 11 баргузор гардид, баҳсҳои зиёде рафта истодааст. Ҳама гап аз эътирозҳои устоди Донишгоҳи давлатии Фарғона Ҷумъаи Ҷамол («Зи кӯза он таровад, ҳарчӣ дар ӯст», «Овози тоҷик», № 41, 24 майи соли 2023), ки узви ҳайати ҳаками озмун буд, ибтидо гирифт. Ман ба баъзеи - онҳо ҳамроҳ мешавам, аммо ба баъзе гуфтаҳояшон муросо надорам. Дуруст аст, ки баъзе аз хонандагон дониши чуқур надоранд, вале на шогирди ман, ки ба иншояш дар қатори 5 нафар беҳтаринҳо баҳо гузоштанд. Аслан маҳз иншо донишу малакаву маҳорати хонандаро муайян мекунад. Тест гапи дигар аст. Яке бо сабру таҳаммул ҷавобҳоро ишора менамояд, дигаре тахмину таваккал, сеюмӣ саросема дасту по гум мекунад, бо ҳамин «кораш тамом». Муаллифи мақола афсӯс хӯрдаанд, ки «ба ҷойи хонандагони соҳибиқтидор хонандагони нолоиқро бо кадом роҳҳое кашола карда овардаанд». Дар асл ин тавр нест, вазъи тадриси фанни забони тоҷикӣ ва адабиёти мо костааст. Сабаб ин, ки 15-20 сол қабл аз ин барномаи таълимии соатҳои дарсии синфи 5 ҳафтае аз 9 соат иборат буд, ҳоло ҳамагӣ 4 соатро ташкил мекунад. Аз рӯйи ҳафтае 1 соатӣ дар давоми соли таҳсил 34 соати дарсӣ ташкил гардад, пас хонандаи имрӯза нисбат ба хонандаи қаблӣ ҳафтае 5 соат, дар давоми соли таҳсил ба миқдори 5x34=170 соат фанни забону адабиёти худро кам меомӯзад. Дар синфи 6 ҳафтае 3, синфи 7 – 2, синфи 8 – 2, синфи 9 – 2, синфи 10 – 2, синфи 11 – 2 соат. Умумӣ карда гирем, иштирокчиёни озмун нисбат ба пешинаҳо камаш дар атрофи 450-500 соат кам дарсҳои забони модарӣ ва адабиёти тоҷикро омӯхтаанд. Ғайр аз ин, хонандагони собиқ ҳафтае 3-4 соат забони русӣ меомӯхтанд, ки агар падеж ва баъзе қоидаҳояшро сарфи назар кунем, айнан тарҷимаи русии ҳамин сарфу наҳви тоҷикӣ буд, зеро имлои имрӯзаи мо дар асоси имлои он тартиб дода шудааст ва он барои - мустаҳкам гардидани дониши хонанда ёрӣ мерасонд. Ҷиҳати аламовари дигараш ин, ки бисёре аз хонандагони аълохони синфҳои болоӣ ба хотири он, ки дар оянда ба донишгоҳҳои тиббӣ, иқтисодӣ, техникӣ (ғайр аз педагогӣ) дохил шаванд, мактаби азизи худро маҷбуран тарк намуда, ба мактабҳои ӯзбекӣ ё коллеҷу литсейҳо меравванд. Ҳамин тариқ, дар «ғалбер» ононе мемонанд, ки ҳакамони муҳтарам ба ҳолашон сӯхтаанд.

Сабаби дигари то зинаи 4-ум расидани ин хонандагон он аст, ки соли гузашта низоми озмун нав шуд. Солҳои қаблӣ иштирокчии озмун аз зинаи 1 (мактабӣ) то зинаи ҷумҳурӣ агар дар ҳар яки он ба зиёда аз 75 хол соҳиб мегардид, ба даври навбатӣ роҳхат мегирифт. Ҳоло се нафар беҳтарин, ки ақаллан 36, 35, 33 холро соҳиб мешаванд, ба зинаи навбатӣ мегузаранд.

Биёед се нафаре, ки ғолиб гаштанд, таҳлил намоем. Иншои танҳо як нафар хуб буд. Беҳтаринҳо чаро ақаллан 95 ё 90 холро соҳиб нагаштанд, ҳол он ки аз фанни таърих 4 нафар 100 холро соҳиб гаштанду аксари хонандагони мо ба холҳои аз 50 кам қаноат намуданд?!

Сабабашро баён кардам. Ҳоло дар аксари мактабҳои тоҷикӣ аҳвол ҳамин.

Банда дар берун тавассути гурӯҳи телеграм иншои тозанависи 10 нафари иштирокдорро санҷидам. Вақте ки хонандагон холҳои иншояшонро фаҳмида баромаданд, маълум шуд, ки баҳоҳо нодуруст, яъне баланд гузошта шудаанд. Аз ин рӯ хостам ба дарун даромада, бо иншои шогирдам шинос шавам. Ходими корҳои дохилӣ ва дигар масъулон: «Ба дарун даромадан мумкин не» гуфта иҷозат надоданд. Ҳол он ки мувофиқи низоми озмун ягона шахсе, ки кори иштирокчиро диданаш мумкин аст, ин омӯзгори фан маҳсуб меёбад.

Хуллас, ба дарун ҳам даромадам. Он ҷо кӣ ҳакаму кӣ узви комиссияи апеллятсионӣ маълум набуд. Ба ман гӯшакӣ карданд, ки ба иншоҳо холҳои баланд мондаанд. Ман пиндоштам, ки ин ба хотири паст нагаштани холҳои гурӯҳи тоҷикӣ ё аз саховатмандӣ аст, вале на ба ҳама, аз ҷумла на ба шогирди ман. Ана ҳамин яке аз хатои калони онҳо буд. Ин ҷо мавриди саховат набуд. Вақте ман гуфтам, ки чӣ хел шумо тавонистед, ки дар муддати кӯтоҳ тамоми иншоҳоро санҷед, яке аз ҳакамон ҷавоб дод, ки аз сабаби бисёр будани онҳо ҳар кас яктоӣ санҷидем. Ин ҷо низ ба хатои маҳз роҳ додаанд. Ҳол он ки ҳар як иншо мебоист аз назари ҳар яке аз ҳакам мегузашт ва бо маслиҳат баҳои одилона гузошта мешуд.

Гуфтаниам, ки ҷои он ки ба ҳоли шогирдон хандида шавад, пайи илоҷи дарди онҳо шавем. Аз даст ояд, соатҳои дарсии барномаи таълимиро баргардонем, якҷоя бо волидайни хонандагон ба вазорату идораҳои дахлдор муроҷиат намуда, ақаллан имтиҳоноти дохилшавиро дар донишгоҳҳо ба забони тоҷикӣ ба роҳ мононем. Он гоҳ ҳолати фанҳои забону адабиёти тоҷик ва умуман, вазъи забони миллати мо хубтар хоҳад шуд.

**Бахтиёр ХОЛОВ,**
**омӯзгори мактаби**
**рақами 21-уми ноҳияи**
**Нурато, Аълочии**
**таълими халқи**
**Ӯзбекистон.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 4532 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 20.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.